# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҷӯрақулзода Умрон Шодиқул дар мавзуи "Хусусиятҳои лексикӣ-сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ)**

Истилоҳшиносӣ яке аз бахшҳои муҳимми илми забоншиносӣ ба шумор рафта, барои ифодаи мафҳумҳои илмӣ ба кор меравад. Ҳарчанд дар забоншиносии тоҷик пажуҳишҳои зиёде доир ба паҳлуҳои мухталифи истилоҳоти соҳаҳои гуногун ба анҷом бошад ҳам, ҳанӯз баъзе паҳлуҳои он, аз ҷумла,вижагиҳои истилоҳоти иқтисодӣ ба таҳқиқоти нав ба навро ниёз доранд.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсияи Ҷӯрақулзода Умрон Шодиқул таҳти унвони "Хусусиятҳои лексикӣ-сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо)" бармеояд, ки ба таҳлил ва омӯзиши вижагиҳои маъноиву сохторӣ ва мавзуии истилоҳоти иқтисодӣ бахшида шудааст.

Мубраммияти таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки вижагиҳои сохторӣ ва маъноии истилоҳоти иқтисодӣ бори аввал дар забоншиносии тоҷик мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтаст.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, 2 боб, фаслу зерфасл, хулоса ва феҳрасти адабиёт иборат буда, натиҷаву мушоҳидаҳо дар қисмати хулоса ҷамъбаст гардидаанд.

Муқаддимаи автореферат тибқи муқарраротИ муайяншуда таҳия шуда, дар он мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барнома ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объекту предмети таҳқиқ, асосҳои назариву амалӣ ва методологияи таҳқиқ, сарчашма ва навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ хеле муҳим ва амиқ нишон дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия "**Асосҳои назариявию таҳқиқии хусусиятҳои лексикии ҳуҷҷатҳои меъёрии иқтисодӣ**" унвон дошта, аз панҷ фасл иборат аст. Дар ин боб сарчашмаҳо ва адабиёти назариявии ба истилоҳнигорӣ ва истилоҳгузинӣ бахшидашудаи олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Инчунин дар ин қисмати кор истилоҳоти ҳуҷҷатҳои иқтисодӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ- коргузорӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Боби дуюми автореферати диссертатсия **"Хусусиятҳои лексикию маъноӣ ва баромади истилоҳоти иқтисодӣ дар ҳуҷҷатҳои иқтисодӣ ва луғатномаҳои**

**соҳавӣ”** номгузорӣ шуда, аз зерфаслҳо иборат аст. Дар зерфасли якум **“Таснифоти мавзуии истилоҳоти иқтисодӣ дар ҳуҷҷатҳо ва луғатномаҳои иқтисодӣ**” истилоҳоти соҳаи иқтисодӣ аз лиҳози мавзуъ гурӯҳбандӣ ва ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Дар фасли дуюми ин боб «**Баромади таърихии вожа ва истилоҳоти иқтисодӣ»** истилоҳоти иқтисодии ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисод аз рӯйи баромад мавриди баррасӣ қарор гирифта, онҳо ба истилоҳоти иқтисодии тоҷикӣ, арабӣ ва русиву аврупоӣ гурӯҳбандӣ шудаанд.

Фасли сеюми боби дуюм “**Тасниф ва таҳлили сохтории вожа ва истилоҳоти иқтисодӣ**” унвон дошта, зерфасли якум “**Матолиби муқаддимавӣ**” номгузорӣ шудааст. Муҳаққиқ истилоҳоти соҳаи иқтисодиётро аз ҷиҳати сохтор ба истилоҳоти содда, истилоҳоти сохта, истилоҳоти мураккаб, вожа ва истилоҳоти таркибӣ ва ибора-истилоҳот тасниф намуда, мавриди баррасӣ қарор додааст. Инчунин дар ин фаасли кор муҳаққиқ истилоҳибораҳоро аз ҷиҳати мансубияти забонӣ ба тоҷикӣ+тоҷикӣ, тоҷикӣ+арабӣ, тоҷикӣ+русӣ гурӯҳбандӣ намудааст, ки ҷолиб аст.

Дар қисмати хулосаи автореферати диссертатсия муаллиф ба таври мушаххас ва фишурда натиҷаи илмию амалии таҳқиқотро дар 9 банд ҷамъбаст кардааст.

Аз автореферати диссертатсия бармеояд, ки унвонҷӯ доир ба мавзуи диссертатсия 5 мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки аз ин теъдод 3 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 адад дар нашрияҳои илмии гуногуни ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд. Ҳамчунин, муҳтаво ва масоили бахшҳои диссертатсия дар шакли маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмию назариявии ҷумуриявӣ ва байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар баробари дастовардҳову комёбиҳои назаррас дар матни автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳои ислоҳпазир ба мушоҳида мерасанд, ки бартараф кардани онҳо, дар оянда, ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Баъзе ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва услубӣ ба матни автореферати диссертатсия роҳ ёфтаанд, ки ислоҳ мехоҳанд (саҳ. 21, 22).

Нуқсонҳои ҷузъии ишорагашта сатҳи илмии рисолаи мазкурро коста намегардонад ва умедворем, ки аз ҷониби унвонҷӯ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта, дар оянда такмилу пурра гардонида мешавад.

Автореферати диссертатсияи Ҷӯрақулзода Умрон Шодиқул таҳти унвони “Хусусиятҳои лексикӣ-сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.00 –

Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) пешниҳод гардидааст, анҷомёфта буда, ба талаботи «Низомномаи Шурои диссератсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Муаллифи он Ҷӯрақулзода Умрон Шодиқул ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) сазовор мебошад.

Доктори илми филология, мудири
кафедраи забони тоҷикии МДТ
"Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
Ба номи Абуалӣ ибни Сино" Низомова С.Ф.

Суроға: 734003, ш. Душанбе,
н. Сино, маҳаллаи Навбаҳор, хонаи 622
Тел: 935154029
E-mail: sanobarnizomova66@gmail.com
27.03.2025

Имзои/подпись Низомова С.Ф.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
« » 20 с/г